**Қарори Шурои диссертатсионии 6D.КОА–064 назди Институти зироаткории Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон оид ба ҳимояи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм аз**

**08 апрели соли 2023** **ш.Ҳисор**

Маърӯзаи кори диссертатсионии Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзуи “Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон”, барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ, роҳбари илмӣ –доктори илмҳои кишоварзӣ Саидзода Саидҷамол Тоҷидин, узви вобастаи АИКТ, профессори кафедраи пахтапарварӣ, генетика, селексия ва тухмипарварии Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш.Шоҳтемур-ро шунида, тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Институти ботаника, физиология ва генетикаи растании Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, ки онро мудири озмоишгоҳи генетика ва селексияи растаниҳо, доктори илмҳои кишоварзӣ Партоев Қ. котиби ҷаласа, муовини директор оид ба илм, доктори илмҳои биологӣ Давлатназарова З.Б. котиби ҷаласа, Турсунов У, имзо ва номзади илмҳои биологӣ, Бобозода Б.Б. – директори ҳамин муассиса тасдиқ намудааст, тақризҳо ва бaромадҳои муқарризони расмӣ: Абдуламонов Қозимамад – доктори илмҳои кишоварзӣ, узви вобастаи АМИТ, мудири лабораторияи генетикаю селексияи растаниҳои Институти биологии Помир ба номи Х.Ю.Юсуфбеков ва Ҳафизов Абдунасир Абдукаримович – номзади илмҳои кишоварзӣ, дотсенти кафедраи агроэкология, механиконӣ ва технологияҳои кишоварзии Донишгоҳи давлатии Данғара, инчунин муқарризони ғайри расмӣ доктори илмҳои кишоварзӣ Бухориев Толибек Аҳмадович, доктори илмҳои кишоварзӣ Назиров Ҳикматулло Нуруллоевич, доктори илмҳои кишоварзӣ Нарзулоев Тош Садулоевич ва

доктори илмҳои кишоварзӣ Асозода Нуралӣ Маҳмадулло-ро ба асос гирифта, дар асоси натиҷаи овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи Шурои диссертатсионӣ оид ба диссертатсияи Садирова Сумайро Саидаҳмадовна бо дарназардошти муҳимии мавзуъ, коркарди илман асоснокшуда, навгонӣ, аҳамиятнокии натиҷаҳо ва хулосаи натиҷаҳои асосии илмӣ, Шурои диссертатсионӣ

**Қарор мекунад:**

1. Диссертатсияи Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дар мавзуи "Таъсири гардолудкунандаҳо ба пайдошавии унсурҳои ҳосил дар дурагаҳои гетерозисии пахта дар шароити водии Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05 – Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ пешниҳодгардида, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.
2. Автореферат ва корҳои интишоршуда, дар дараҷаи лозима муҳтавои асосии диссертатсияро инъикос менамоянд.
3. Ба Садирова Сумайро Саидаҳмадовна дараҷаи илмии номзади илмҳои кишоварзӣ аз рӯйи ихтисоси 06.01.05- Селексия ва тухмипарварии растаниҳои кишоварзӣ дода шавад.
4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори мазкури Шурои диссертатсиониро дастгирӣ намояд.

Раиси шӯрои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои кишоварзӣ,
академики АИКТ — Асозода Нуралӣ Маҳмадулло

Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои кишоварзӣ — Пӯлотова Шаҳодат Сайфуллоевна
08.04.2023с.

Имзоҳои Асозода Н.М. ва Пӯлотова Ш.С.-ро
тасдиқ мекунам: нозири кадрҳои
Институти зироаткории АИКТ — Сайнизоми Бобохӯҷа